# НАЗАРЕ БА ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТИ ҚАТАР

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист дар даврони истиқлол на танҳо равобити судманд бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки бар ҳифзи манофеи миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масоили глобалӣ эътироф гардад. Имрӯз 192 кишвари ҷаҳон давлати Тоҷикистонро ба расмият шинохта, бо 183-тои он равобити дипломатӣ барқарор гардидаанд.

Айни замон, принсипҳои асосӣ ва анъанаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки рушди кишвар, аз ҷумла таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, тақвияти ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона гардида, сиёсати «дарҳои боз», ҳамчун фарҳанги ҳамзистӣ ва татбиқи амалии сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ, мутавозин ва воқеъбинона роҳандозӣ мешавад. Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои арабӣ муносибат бо Давлати арабии Қатар ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Давлати арабии Қатар муносибатҳои дипóломитии худро 13 декабри соли 1994 барқарор намуда, заминаҳои ҳамкориро мустаҳкам кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки моҳи ноябри соли 2012 Сафорати Қатар дар шаҳри Душанбе ва моҳи майи соли 2013 Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Давҳа кушода шудаанд.

Заминаи ҳуқуқии ҳамкориҳои муносибатҳои Тоҷикистон ва давлати Қатарро 6 созишномаи муҳимми ҳамкорӣ ташкил медиҳад. Созишномаҳое, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ ба имзо расонида шудааст, инҳоянд:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва техникӣ (6 майи соли 2007);

2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ташвиқ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ (6 майи соли 2007);

3. Ёддошти тафоҳум байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваҳорати корҳои хориҷии Давлати Қатар;

4. Ёддошти тафоҳум банйи Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷиқистон ва Палатаи савдо ва саноати Давлати Қатар (6 майи соли 2007);

5. Ёддошти тафоҳум дар хусуси бастани Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба алоқаи ҳавоӣ (16 январи соли 2008);

6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ (25 августи соли 2011);

Инчунин 4 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, савдо, парвариши занбӯри асал ва чорводорӣ байни мақомоти дахлдори ду кишвар ба имзо расидааст ва лоиҳаи 13 санад, ки соҳаҳои мухталифи ҳамкориро дар бар мегирад дар баррасии мақомоти марбутаи ду кишвари дӯст қарор дорад.

Боиси тазаккур аст, ки дар доираи табодули сафарҳо байни мақомоти баландпояи ҳар ду кишвар заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳо ташаккул ёфта, заминаи ташаккули самтҳои нави ҳамкорӣ, ҷалби сармоягузориҳои давлати Қатар ба кишвар ва таъсиси Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Қатар оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва техникиву илмӣ гаштанд, ки метавонанд на танҳо дар рушди ҳамкориҳои мутақобила, балки тақвияти заинаҳои рушди устувори иқтисодии кишвар саҳми муносиб гузорад.

Вобаста ба ҳамкориҳои иқтисодӣ – тиҷоратӣ Давлати Қатар аввалин кишвари арабӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кардааст ва маҳз сафари расмии Амири қаблӣ Ҳамад ибни Халифа Оли Сонӣ дар соли 2007 ба ин замина гузошт. Натиҷаи ин сафар дар татбиқи лоиҳаи “Диёри Душанбе” – маҷмӯаи истиқоматӣ ва калонтарин масҷиди ҷомеъ дар Осиёи Марказӣ зоҳир мегардад.

Метавон гуфт, ки новобаста аз дастовардҳои бузурги Тоҷикистон ва Қатар, дар равобити ҷонибҳо иқтидори бузург ниҳон буда, зарфияти ҳамкориҳои судманди ҷонибҳо ба таври пурра истифода намешаванд.

Санаи 8 июни соли 2023 Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ бо сафари давлатӣ ба кишвари мо ташриф меоранд ва дар назар аст, ки бо иштироки сарони ҳарду кишвар масҷиди мазкур ба истифода дода шавад.

Дар доираи ин сафар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Амири Давлати Қатар Шайх Тамим ибни Ҳамад Оли Сонӣ баргузор гардида, маҷмӯи васеи масъалаҳои марбут ба ҳамкории дуҷониба баррасӣ хоҳад шуд. Умед дорем, ки ин боздид саҳифаи навро дар рушди ҳамкориҳои мутақобилаи ҷонибҳо кушода, дар тавсеаи ҳамаҷонибаи онҳо такони нав мебахшанд.

Собирзода Нуралӣ Миралӣ – муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Раҳмонов Меҳровар Амонидинович - мудири кафедраи мутолиоти шарқи факултети муносибатҳои байналхалқӣ.